# *«Tajikistan State University of Commerce»*

## *Course name: National economy*



**Week:15.** ***State regulation of the national economy, state budgetary policy, taxes, fiscal and monetary policy.***

**Khojazoda Dilovar Khairuddin**

# *«Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тиоҷикистон»*

## *Номи фан: Иқтисоди миллӣ*



**Мавзӯи: 15. Танзими давлатии иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатии буҷетӣ, андоз, молиёт ва пулию қарзӣ.**

**Хоҷазода Диловар Хайруддин**

# Саволҳои лексия:

1. Зарурияти танзими давлатии иқтисоди бозоргонӣ ва шарҳи ботавсили он.
2. Шакл ва усулҳои танзими давлатии иқтисод.
3. Самт ва равандҳои танзими давлатии иқтисод.
4. Таҳлили нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, молиёт, андоз ва пулию қарзӣ.

# 1. Зарурияти танзими давлатии иқтисоди бозоргонӣ ва шарҳи ботавсили он:

Бавуҷудоӣ ва арзи вуҷуд доштани давлат на танҳо аз ҷиҳати таърихӣ зарур, балки ҳамчун омили муҳим ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Сиёсати иқтисодии давлат – ин омили муҳим ва зарури унсури иқтисодиёт, аз он ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ ба ҳисоб меравад.

Дахолати давлатӣ дар иқтисодиёт ҳамчун объекти зарурӣ барои дилхоҳ давлат новобаста аз оне, ки он аз рӯи системаи бозорӣ ё ин ки маъмурӣ-тақсимотӣ фаъолият мекунад, зарур аст. Дар иқтисодиёти тақсимоти давлат ҳамаи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоро оиди истеҳсол ва тақсимоти молу хизматҳо ба зиммаи худ мегирад. Ин тарзи танзими давлатӣ дар давраи собиқ ИҶШС арзи вуҷуд дошт, ки ғайрисамаранок будани худро нишон дод[1].

1. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166

# Фаъолияти мамлакат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ:

Бояд қайд намуд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар назди давлат вазифаи бевоситаи ташкили истеҳсоли молҳо ва тақсимоти захираҳо намеистад. Ё ба тарзи дигар гӯем, давлат ҳуқуки озодона тақсим намудани захираҳо, сармоя ва молҳои истеҳсолшударо надорад, чи тавре ки ин амалиёт дар иқтисодиёти маъмурӣ-фармонфармоӣ ба амал бароварда мешуд. Дар системаи бозорӣ –ин пеш аз ҳама танҳо қарор барои қабули мақсади истеҳсолкунандаю истеъмолкунанда мебошад ва аз ҳамин нуқтаи назар вазифаи танзими давлатӣ дар ин ҷо нисбатан мавқеи хосаро дорад[1].

1. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

Механизми бозорӣ қодир нест, ки ҳамаи проблемаҳои тараққиёти иқтисодиро ҳал намояд. Ҳанӯз дар давраи вуҷуд доштани рақобати озод қисмати зиёди қувваҳои истеҳсолкунанда ба қатори моликияти хусусии классикӣ мерасад ва давлат зарурат пайдо менамояд, ки як қатор сохторҳои иқтисодиро, ба монанди роҳи оҳан, почта, телеграф ва ғайрахо ба зиммаи худ гирад. Ҷоннок гардидани мутаҳидшавии байнидавлатӣ дар асоси тақсимоти меҳнат ба баландгардидани ҷараёнҳои иқтисодии умумӣ ба сарҳадҳои миллӣ, боиси ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ-иҷтимоӣ, вобаста ба мудофиа, илм, танзими муносибатххҳи иҷтимоӣ, такрористеҳсоли қувваи корӣ, муҳоҷират, экология ва ғ. оварда мерасонад. Маҳз ҳамин ва дигар сабабҳо боиси зарурати дахолати сохторҳои давлатӣ дар механизми танзими ҳалли қарорҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар муҳим он аст, ки дар кадом соҳаҳо ва ба кадом миқдор бояд дахолати давлат дар иққисодиёт ба амал баровварда шавад, сиёсати иқтисодӣ чӣ тавр бояд сурат гирад ва танзими давлатӣ ба кадом самтҳо равона карда мешавад[1].

1. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

# Сатҳи даромаднокии аҳолӣ:

Сатҳи даромади аҳолӣ ва тамоилҳои тағйирёбии он ба мушаххасоти муҳимтарини сиёсати иҷимоию иқтисодии ҳама гуна давлат шомиланд. Аз як тараф дар асоси нобаробарӣ чӣ сабабҳои объективӣ (касбҳои гуногун, сатҳи маълумотнокӣ, қобилияти одамон, соҳаҳо ва минтақаҳои истиқомат, заминаҳои аввала ва мансубият ба табақаҳои иҷтимоии ҷамъият) меистанд. То ба дараҷаи муайян нобаробарии даромад аҳолиро ба рушди шахсӣ ва баландбардории мақом дар ҷамъият водор намуда, функсияи ҳавасмандкуниро иҷро менамояд. Аз дигар тараф, фарқгузории аз ҳудуди муайян боло ба коҳишёбии талаботи маҷмуӣ дар бозори дохилӣ, афзоиши ноустувории сиёсӣ, ҳиссиёти манфӣ дар ҷамъият ва ҷиноят оварда мерасонад[1]:

1. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.07.2015, таҳти №5222. Реҷаи дастрасӣ: http://ncz.tj/node/859

Мусаллам аст, ки мафҳумро муайян намуда, муҳаққиқ моҳияти ашёии онро инъикос менамояд, бо дигар зуҳурот муносиб мегардонад, қонуниятҳои инкишофро кушода медиҳад. Аз он ҷиҳат ки категорияи иқтисодии «даромади аҳолӣ» то кадом андоза дақиқ муайян гардидааст, фаъолияти минбаъдаи давлат ва дигар ниҳодҳои бозорӣ оид ба танзими он вобастаанд. Барои коркарди асосҳои консептуалии танзими даромади аҳолӣ муносибатҳои мухталифи илмиро роҷеъ ба таҳқиқи даромади аҳолӣ дида баромада, дастгоҳи истифодашавандаи таҳлилиро ошкор месозем. Дар ин маврид, бояд дар хотир дошт, ки ғанигардонии доимии категорияи мазкур рафта истодааст[1].

1. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.07.2015, таҳти №5222. Реҷаи дастрасӣ: http://ncz.tj/node/859

Муаммои нобаробарии даромади аҳолӣ аз қадим вуҷуд дошт ва доимо тавачҷуҳи муайянро ба миён меорад, танҳо соли 1870 зимни таҳқиқи муаммоҳои тафрикаи даромадҳо, иқтисодчиён ба истифодабарии худи мафҳуми даромад (фардӣ, миллӣ) шуруъ намуданд. Тавре Й. Шумпетер дар заҳмати бунёдии худ «Таърихи таҳлили иқтисодӣ» қайд менамояд, то ин дам, асосан чунин категорияи иқтисодӣ, ба монанди боигарӣ истифода мешуд. Аввалин шуда дар самти назариявии муаммои тақсимоти даромад, меркантилистон тавачҷуҳ намуданд, лекин дар доираи самти мазкур консепсияи ягонаи иқтисодӣ вуҷуд надорад[1].

1. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.07.2015, таҳти №5222. Речаи дастрасӣ: http://ncz.tj/node/859

# Кансепсияи маркентилистон ва фаъолияти он:

Консепсияи меркантилистон дар даврае коркард мешуд, ки истеҳсолоти капиталистӣ қадамҳои нахустини хешро мегузошт ва ҳолати кулли низоми иқтисодиро муайян намекард. Соҳаи муомилоти савдо ва сармояи савдо афзалият дошта, диққати асосӣ ба тавозуни савдо ва мувозинати он дода шуда буд.

Ҳамаи масъала ва муаммоҳо аз нуктаи назари манфиати ҷамъиятӣ баррасӣ мегардиданд, ки дар воқеъ ба таври худ хос фаҳмида мешуд. Онҳо ба боигарии миллӣ ҳамчун ба миқдори инъикосёфтаи захираҳо муносибат мекарданд. Ҳамин гуна, Дж. Локк қайд мекард, ки «боигарӣ на танҳо миқдори зиёди тилло ва нуқраро ифода менамояд, балки зиёдтарро дар муқоиса бо дигар». Мувофиқан, тафриқаи даромад ҳамчун бозӣ бо маблағи сифрӣ, ки дар он ҷо бурди яке бохти дигаре ба ҳисоб меравад, дида баромада мешуд[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

## 2. Шакл ва усулҳои танзими давлатии иқтисод:

Иқтисодиёт таърихан тибқи ду усул: усули ғайридавлатӣ (бозорӣ) ва давлатӣ сурат мегирад. Танзими ғайридавлатӣ аз- ҷониби субъект ва агентиҳои алоҳидаи иқтисодӣ- ширкат ва фирмаҳо перомони тақсими бозори фурӯш ва ташаккули нархҳо, ҳавзаи тиҷорат, савдои яклухту чакана, биржаҳои молию пулӣ, музояда, намояндагиҳо, низоми иттилоотӣ асъор ба роҳ монда мешавад. Ин тарз ва усули танзим ҳамаҷонибаи иқтисодӣ миллиро фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин танзими комили иқтисодиёт аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавад[1].

1. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

# Танзими давлатии иқтисодиёт:

Танзими давлатии иқтисодиёт – маҷмӯи тадбир ва меъёрҳои муайяни қонунгузорӣ, иҷроия ва назоратие мебошад, ки ба мақсади таъмини рушди иқтисод ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ нигаронида шудааст. Он ҳамчун ҷузъи муҳимтарини микроиқтисод, алалхусус, такрористеҳсоли ҷамъияти сурат гирифта, ба мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисод, танзими шуғл, ва бартараф намудани нобаробариҳои иқтисодӣ истифода карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳони аз он гувоҳи медиҳад, ки танзими давлатии иқтисодиёт вобаста аз шароитҳои таърихӣ, захираҳои иқтисодӣ, захираҳои молию пулӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳархела сурат мегирад.

Таҳлили ақоидаҳои иқтисодчиёни ғарб ва таҷрибаи хоҷагидорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки танзими иқтисод ҳамчун тамсилаи иқтисоди миллӣ ва танзим тибқи шакл ва методҳои маъмури стандартӣ ба амал баровварда мешавад.

Дар олами муосир чунин методҳои танзими давлатии иқтисод бештар истифода карда мешавад: ҳуқуқи маъмурӣ, иқтисодӣ, мустақим ва ғайримустақим.

Танзими ҳуқуқӣ - аз ҷониби давлат ҳамчун қоидаи «бозиҳои иқтисодӣ» барои фирмаҳои тавлидгар ва истеъмолгарон пешбарӣ кор мешавад. Он дар шакли низоми қонун ва қонунгузориҳо, қоида ва меъёрҳо тибки ҳуқуқи моликият, соҳибкорӣ, қарордодҳо, ташкили муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра сурат мегирад.

Танзими маъмурӣ – ҳамчун кулли чорабиниҳо оиди таъсири зуроварии маъмурӣ ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ ташкил карда мешаванд. Тадбирҳои маъмурӣ дар шакли пешниҳоди патент, литсензия, ҳиссаҷудокуниҳо, сармоягузориҳои давлатӣ, қарз ва ёрдампулиҳо, имтиёз ва ғайра зуҳур мегардад.

Танзими давлатӣ мустақиман ҳангоми муайян кардани стандартҳо, Хадди ақали музди кор, имконияти истеъмолкунанда, кор карда баромадани чораву қонунҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ истифода карда мешавад. Дар баъзе давлатҳо доираи танзими маъмурӣ хеле ҳам маҳдуд буда, он фақат ҳифзи муҳити зист ва ҳаёти иҷтимоӣ аҳолиро фаро мегираду халос.

Танзими иқтисодӣ -асосан хислати хоси иқтисоди бозорӣ буда, ҷанбаҳои гуногун ва мураккаби онро инъикос менамояд. Доираи таъсири он ба воситаи густариши бозор, тақозо, арза, рақобат, дараҷаи тамарқузи мол, хадамоту сармоя ба роҳ монда мешавад.

Дар шароити бозор вазни қиёсии танзими иқтисодӣ нисбат ба усули маъмурӣ афзалият дорад. Усулҳои танзими иқтисодӣ чунин лаҳзаҳоро дар бар мегирад: танзими молиявӣ; танзими пулию қарзӣ; танзими андоз; танзими буҷавӣ; танзими фискалӣ (хазинадорӣ); танзими иҷтимоӣ; танзими давлатӣ; таҳрезӣ барномасозӣ ва пешбинии давлатӣ[1].

1.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

Давлат ба воситаи ин фишангҳои иқтисодӣ имконият дорад ба равандҳои таварум дар даврони бӯҳрон ва касодӣ бо воситаи таъсири стафкаи фоиз ва сармоягузорӣ таъсир расонида, ҳолати чандири ва истиқлоли иқтисодиро барқалоли ва минбаъд онро равнақу ривоҷ диҳад[1].

Танзими андоз-фишанги эътимодноки баланд бардоштани дараҷаи самаранокии рӯшди иқтисод мебошад. Он имкон медиҳад, ки дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таркиби истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва таносуби оқилонаи тақозо ва арзои пули таъмин карда шуда, ғайримизоҷонии макроиқтисодӣ алалхусус ғайританосубии байни захираҳои маҳдуди ҷамъият ва тақозои беинтиҳои инсон, буӯҳронҳои иқтисодӣ, дараҷаи баланди тааррум, бекорӣ ва ғайра. Бояд аз байн бурда шавад.

1. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

# 3. Самт ва равандҳои танзими давлатии иқтисод:

Дар доираи сиёсати макроиқтисодӣ иҷрои вазифаҳои вобаста ба рушди механизмҳои танзими муносибатҳои бозоргонӣ, баланд бардоштани самаранокии идораи маблағҳои давлатӣ ва андозбандӣ, такмили низоми муайян намудани дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, омор, сиёсати молия ва пулу қарз пешбинӣ шудаанд.

Ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ, дар соли 2023 ба маблағи 38 миллиард сомонӣ ва назар ба соли 2022 – ум 5милиард сомонӣ афзоиш ёфтааст.

# Сиёсати пулию қарзӣ:

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ, қарздиҳии хурд яке аз фишангҳои босамари стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт дар ноҳияҳои дурдасти кеҳистони ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ солҳои охир барои афзоиш додани қарзҳои хурд ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони ҷумҳурӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Бояд қайд намуд, ки омилҳое ки ба ҷараёни танзими давлатӣ таъсир мерасонанд аз рӯи самти фаъолияташон шартан ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: ***Омилҳои иқтисодӣ:*** танзими молию-қарзӣ, танзими андоз, танзими буҷаи давлатӣ, сиёсати гумруҳ, соҳибкорӣ ва танзими давлатии зидимонополӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ, танзими сиёсати инвеститсионӣ ва ҷалб намудани инвестисияи хориҷӣ, баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ ва ғайра[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

**Хусусиятҳои сиёсати даромад дар танзими даромади аҳолии минтақаҳо: фишангҳо ва тамоили рушдро муайян месозад.** Тағйироти ҷиддӣ дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ва минтақаҳои онзарурияти коркарди сиёсати нави даромадро муайян намуданд, ки ба амиқӣ ва хислати ислоҳотҳои иқтисодӣ комилан мувофиқ мебошад. Дар ин ҳол, таҳти сиёсати даромадҳо низоми амалҳои мақсадноки давлат дар назар дошта мешавад, ки манфиатҳои кулли гурӯҳи аҳолиро ба инобат гирифта тавозуни онҳоро ҳамчун асоси ризоияти ҷамъиятӣ таъмин менамояд. Сиёсати мазкур барои ҳалли як зумра вазифаҳое, ки аз қаблӣ ба таври принсипиалӣ ҳам аз рӯйи мазмун ва ҳам аз рӯйи тарзҳои ноилгардӣ фарқ доранд, равона гардидааст[1]:

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

- пешниҳоди имконият ба ҳар як фард барои пурратар татбиқ намудани ҳуқуқи худ ба меҳнат бидуни маҷбурсозии вай ба ин;

- сабук гардонидани ислоҳоти бозорӣ ва пешгирии фарқгузории баланди аҳолӣ аз рӯи сатҳи даромадҳо ва аз рӯйи ҳолати амвол;

- таъсиси низоми пурзӯри омилҳо, ки ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт (давлатӣ, хусусӣ, кооперативӣ ва диг.) ва тавассути ин афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат менамояд[1];

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

- таъмини ҳар як шаҳрванд бо ҳадди ақали хизматҳои соҳаҳои асосии бахши иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва диг.), таркиби оқилонаи заминаи моддию техникии онҳо бо дарназардошти ҷорисозии муносибатҳои бозорӣ;

- рушди ҳарҷонибаи бозори хизматҳои иҷтимоии суғуртавии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба шаҳрвандон имкониятҳои васеи пешгирии хавфи талафоти даромадро дар ҳолатҳои фаросии пиронсолӣ, аз даст додани ҷойи кор, беморӣ ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт дар ҳаёт медиҳад;

- муосидат дар ташаккули бозори пуриқтидори дохилии молҳо, хизматҳо ва манзил, ки барои ҳадди аксар қонеъ гардонидани талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ва ҳавасмандгардонии рушди минбаъдаи он имкон медиҳад[1].

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ».Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 19.05.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.328.

Зарурияти пурзӯркунии танзими давлатии даромади аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ва на он қадар бо дигаргуншавии модели омилии ташаккулёбии онҳо вобастагӣ дошта, балки як қадар бо мураккабӣ ва афзоиши гуногуншаклии сифатии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, васеъ гардидани доираи иштирокчиён, тағйирёбии шаклҳо ва усулҳои ташаккулёбӣ, тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии даромадҳо вобаста аст. Сарҳад ва амиқии иштироки давлат дар танзими раванди мазкур бо хусусият ва сабабҳои дигаргуншавиҳои бамиёномада муайян мегарданд[1].

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ».Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 19.05.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.328.

Ҳангоми масъалагузорӣ оид ба пурзӯркунии нақши танзимотии давлат, мо ба консепсияҳои гуногуни назариявӣ (марксистӣ, кейнсианӣ ва диг.), инчунини ба ҷамъбасти таҷрибаи мавҷудаи ҷаҳонӣ такя намудем. Дар тафовут аз муқоисаи анъанавии худтанзимкунии бозорӣ ва танзими давлатӣ асоси диди муаллифро ҳолатҳои назариявӣ оид ба механизми комил ва ягонаи танзими даромади аҳолӣ, ки усулҳои бозорӣ ва давлатии танзимро ҳамҷоя менамояд, ташкил медиҳад. Ҳанӯз дар миёнаи асри XX В.Ойкен оид ба хатарнокии муқоисаи нуктаҳои назари дар боло зикргардида қайд намуда буд. Роҳи ягонаи баромадан аз диллемаи «давлати интервенсионӣ» - «Lassaiz faive» барои Ойкен рушди «тартиби рақобатнокӣ», вақте ки вазифаи асосии давлат таъмини «қоидаҳои бозӣ» барои кулли субъектони хоҷагидор ва нигоҳдории В. Ойкен ва ҷонибдоронаш эътироф мекунанд, ки худи рақобат инҳисорот ва марказҳои ҳукумати иқтисодии маҳвкунандаи ин рақобатро тавлид медиҳад.

Усулҳои худтанзимкунии бозорӣ ва танзими давлатии даромади аҳолӣ нисбатан мустақил ба ҳисоб рафта, ба ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобастаанд. Бинобар ин ҳамчун муаммои муҳими назариявию методологӣ муайянкунии ҳамҷоясозии оптималӣ ва устувории онҳо мегардад. Ба таври консептуалӣ мо аз он бармеоем, ки таносуби механизмҳои бозорӣ ва танзими давлатии даромади аҳолӣ яку якбора дода нашудааст. Вай аз хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъият ба миён меоянд ва ҳамчунин аз омилҳои ғайрииқтисодӣ - анъанаҳои миллӣ, нишондодҳои арзишӣ, низомҳои сиёсӣ, ғоявӣ ва ба монанди ин вобаста аст.

Дар шароитҳои муосир дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш, вақте ки механизмҳо ва танзимкунандаҳои бозорӣ ба таври зарурӣ ё умуман кор намекунанд, нақши танзими давлатӣ, ба андешаи мо, нисбат ба мамлакатҳои мутараққӣ бояд баландтар бошад. Нотаносубиҳои сохторӣ, дигаргуншавиҳо ва таҳрифҳои асосии модели омилии ташаккулёбии даромади аҳолӣ, ноустувории умумии иқтисодӣ, сохтори барпонашудаи ниҳодӣ, мавҷуд набудани ҳимояи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайраҳо самаранокии пасти усулҳои бозории танзимро ба миён меоранд. Ихтилофҳои аён ва ноаёне, ки тафриқаи даромади аҳолиро ба миён меоранд, пайдо мешаванд. Мувофиқан, ҳолат оид ба пурзӯршавии нақши давлат дар танзими даромадҳои аҳолӣ дар давраи гузариш асоснок ба ҳисоб меравад, сарҳадҳои ҳадди аксар иҷозатдодашудаи дахолати давлатӣ ба ин раванд таҳия мегарданд. Минбаъд ин сарҳадҳо аз сари нав дида баромада шуданашон мумкин аст.

Якчанд самтҳои ба ҳам алоқамандии таъсири давлат ба ташаккулёбӣ, тақсимкунӣ ва бозтақсими даромади аҳолиро ҷудо намудан мумкин аст: аввалан, таъсиррасонӣ ба сохторҳои бозории микросатҳ, яъне дар соҳаҳо ва истеҳсолоти алоҳида; дуюмин, танзими давлатии макроиқтисодӣ, ки дар таъсири умумӣ ва вазъи хоҷагии халқ, ба эътидол овардани ҷунбишҳои он дар ҳамаи марҳалаҳои давра, пешгирӣ ё сабук гардонидани буҳронҳои иқтисодӣ ва таварруми аз ҳад зиёд, ҳавасманкунии рушди иқтисодӣ ифода меёбад; сеюмин дастгирии фаъоли ҳамон соҳаҳое, ки бидуни дахолати фаъоли давлатӣ умуман қобилияти инкишофёбиро надоранд, ё ин ки ба таври суст ва нокифоя рушд меёбанд; чорумин, фаъолияти давлат бо мақсади ҳадди ақал гардонидани ҳамон оқибатҳои манфӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва дигарҳо ки бо ин ё он вариантҳои рушди техникӣ ва иқтисодӣ ба миён омаданашон мумкин аст.

Дар баробари ин муаммои ноилгардӣ ба дараҷаи муносиби тафриқаи даромади аҳолиро бидуни азнавсозии сифатии сохтории истеҳсолот, бароmадан ба сатҳи нави технологӣ ҳал намудан имконнопазир аст. Дар робита бо он, танзими давлатии худи даромад бояд бо баамалории тағйироти амиқи сохторӣ ва технологӣ дар асоси принсипи афзалиятнокии сармоягузориҳо илова карда шавад. Дар ин ҳол, мақсади сиёсати иқтисодӣ барқароркунӣ ва рушди некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар он, меъёри асосии муайянсозии самтҳои ҳамаи чорабиниҳои танзимотӣ бояд сифати зиндагӣ бошад.

## 4. Таҳлили нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, молиёт, андоз ва пулию қарзӣ:

Меъёрҳое, ки стандартҳои минималии истеъмол ва ӯҳдадориҳоро муайян мекунад: музди ҳадди ақал ва нафақа, минимуми кафолати хизматҳои тандурустӣ, маориф, манзил ва ғ., имтиёзи андоз, ки ташкили ҷойҳои нави кориро ҳавасманд мекунад, танзими шуғл, яъне таъмини шуғли пурраи аҳолӣ дар иқтисодиёт; паст кардани сатҳи бекорӣ дар дараҷаи ниҳоӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва умуман омилҳое, ки ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

**Системаи танзими давлатии ҳифзи муҳити атроф дар Ҷумҳури Тоҷикистон асосан аз қабули Қонун «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» оғоз гардид, ки элементҳои асосии он аз инҳо иборат мебошад:**

-иҷозат додан ба партовҳо, ки аз тарафи комитетҳои муҳити зисти минтақавӣ дода мешавад;

-шартнома ва иҷозатномаҳо (литсензия) барои истифодаи комплексии захираҳои табиӣ, ки барои онҳо меъёри ҳаҷми партовҳо муқаррар карда шудааст;

-системаи фондҳои экологӣ;

-системаи андозҳо, муайян намудани ставкаи андоз, имтиёзи андоз ва ғайра[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ сарчашмаи асосии маблағгузориҳои ҳифзи муҳити зист аз инҳо иборат мебошад: маблағҳои буҷавӣ, маблағи хусусии корхонаҳо, маблағи фондҳои экологӣ, грантҳо ва лоиҳаҳои инвеститсионии хориҷӣ. Дар шароити ҳозира аз ҳисоби хароҷотҳои давлатии буҷавӣ ба ин соҳа он қадар маблағҳо ҷудо намешаванд ва асосан сарчашмаи маблағгузориҳо аз ҳисоби фондҳои экологӣ суръат мегирад[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Ҳамин тавр, танзими давлати пеш аз хама ба стратегияи рушди иқтисодии кишвар нигаронида шуда, танҳо дар холати комёб шудан ба сиёсати нави иқтисодӣ, ки ба чанбаҳои мушаххаси тараққиёти иқтисодиву ичтимоии дарозмӯҳлати чумҳурӣ асос ёфтааст, амалан татбиқ мегардад.

# Адабиёти истифодашуда:


1.Булатов, А.С. национальная экономика: Учебное пособие / А.С. Булатов. – М.: Магистр, ИНФРА-М, 2012. – 304 с.

2.Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 19.05.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.328.

4.Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.07.2015, таҳти №5222. Речаи дастрасӣ: http://ncz.tj/node/859

5.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

6.Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

7. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

8.Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.

9.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# ТАШАККУР БА ДИҚҚАТАТОН!